## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ ба диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович дар мавзуи «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба соҳаҳои афзалиятноки илм ва ихтисос.** Диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназарович ба яке аз мавзуъҳои мубрами забоншиносии эронӣ «Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ» бахшида шудааст. Дар он сайри таърихии аугмент, ки аз асоси замони ҳозираи феъл замони гузашта месозад, дар се марҳилаи ташаккули оилаи забонҳои эронӣ ва ҳолати кунунии шаклҳои замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шавад.

Феъл дар қатори дигар ҳиссаҳои нутқ чи дар даврони қадим, чи миёна ва чи давраи нави инкишофи забонҳои эронӣ ҳамчун унсури муҳимми забон ба ҳисоб рафта, дорои вижагиҳои мушаххас мебошад. Вобаста ба вуқуи дигаргунӣ дар сохтори забонҳо категорияҳои феъл низ ба таҳаввулоти муайяни миқдорӣ ва сифатӣ дучор шудаанд. Аз ҷумла, замони гузаштаи феъл дар давраи қадими инкишофи забони тоҷикӣ ва яғнобии имрӯза тавассути аугмент сохта мешуд. Минбаъд дар давраи миёнаи инкишофи забони тоҷикӣ (ба истиснои забони бархе катибаҳо) он идома наёфт, вале дар забони яғнобӣ ин падида давом кард.

Ҳадаф аз нигоштани диссертатсия ин аст, ки роҳҳои пурпечухами корбурди ин унсури грамматикӣ дар забонҳои эронӣ, бавижа тоҷикӣ ва яғнобӣ, дар тули таърих муайян карда шуда, ҳолати кунунии бунёди шаклҳои замони гузаштаи феъл дар забонҳои мавриди муқоиса баррасӣ гардад.

Диссертатсия **«Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ»** унвон дошта ба шиносномаи **ихтисоси**

**доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)** пурра мутобиқат мекунад.

Диссертатсия дар доираи Барномаи «Рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030»-юми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба  номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2021-2025 , ки «Масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷик» унвон дорад, омода гардидааст.

**Натиҷаҳои асосии таҳқиқ** дар 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи  Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар маҷмуаву маҷаллаҳои илмии дигар ба нашр расидаанд, ки **муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос намуда**, миқдоран ва мазмунан ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат мекунанд. Автореферати диссертатсия фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад.

**Интишороти довталаб** ба талаботи сархати якуми Тартиби додани дараҷаи илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) мутобиқат мекунад.

**Мавҷудияти санади татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти тадбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқро метавон дар таълими фанҳои тахассусии забоншиносӣ, чун муқаддимаи филологияи эронӣ, таърихи забони тоҷикӣ, грамматикаи таърихӣ ва муқоисавии забонҳои эронӣ истифода намуд. Бахшҳои алоҳидаи диссертатсия дар таълими фанҳои интихобӣ барои ихтисосҳои забон ва адабиёти тоҷики мактабҳои олӣ мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Инчунин, натиҷаву хулосаҳои диссертатсияро метавон дар таълифи рисолаҳои магистриву докторӣ (PhD) ва маводи таълимӣ-методӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

**Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсия** пеш аз ҳама, дар ҷамъоварии маводи фаровон аз матнҳои қадим ва муосири забонҳои тоҷикиву яғнобӣ, шиносои бо осори таҳқиқии муҳаққиқони соҳа, ҳамзамон, омӯзиши назарияҳои донишмандони муосири ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳс, омода намудани мақолаву маърузаҳо зоҳир мегардад.

Диссертатсия аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияи амалии натиҷаҳои тадқиқот, феҳристи адабиёти истифодашуда ва интишороти муаллиф иборат мебошад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Самадов Рамазонӣ Саидназаровичро дар мавзуи **«Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии **доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)** баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсия дар мавзуи «**Таърихи ташаккули замони гузаштаи феъл дар забонҳои тоҷикӣ ва яғнобӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии **доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология** (6D**020502 – Забони тоҷикӣ**) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссисяи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-тадқиқотиашон ба ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– Қосимов Олимҷон Ҳабибович – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

– Муслимзода Ҳайдар Абубакр – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи технологии Тоҷикистон».

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тавсия дода шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Назарзода С.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессор Раҳматуллозода С.Р.

доктори илмҳои филологӣ,
профессор Нуров П.Г.

« 08 » июли соли 2025-ум